**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ**

Мусаллам аст, ки замони истиқлолият барои забони тоҷикӣ фазои нави имконоти густариш ва таҳаввулоти назаррасро фароҳам овард. Дар ин росто таҷдиди арзишҳои миллӣ ва ҳифзи асолати забони миллӣ тақвият пайдо намуда, ҳамзамон илми забоншиносии тоҷик ба пажӯҳишҳои арзишманду муҳими илмӣ даст ёфт. Зикри ин нукта муҳим аст, ки дар баробари самтҳои гуногуни мубрами мавриди таҳқиқ хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории ибораҳои забони тоҷикӣ низ аз масъалаҳои муҳим ва баҳсноки забоншиносии муосир ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз таҳқиқоти Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI)» яке аз масъалаҳои басо таҳқиқталабро фаро гирифта, муҳаққиқ дар интихоби мавзӯъ, дақиқ намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ иқдоми саривақтӣ ва муҳимро анҷом додааст.

Мақсади пажӯҳиш дақиқу мушаххас намудани вижагиҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълии забони адабии тоҷикӣ, муайян намудани вижагиҳои таҳаввули сохтор ва корбурди ибораҳои феълӣ дар осори хаттии асрҳои XV-XVI муаррифӣ шудааст, ки татбиқи он барои забоншиносии муосир арзишманд, муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад. Бо ҳамин тартиб омӯзишу пажӯҳиши ибораҳои феълӣ, махсусан аз он ҷиҳат зарур ва муфид аст, ки вай барои ҳалли масъалаҳои мубрами грамматикаи забони тоҷикӣ, аз қабили масъалаҳои ҳиссаҳои нутқ, калима ва ибора, мавриди истифодаи пешояндҳои таркибии номӣ, феълҳои таркибии номӣ, алоқаи калима дар ҷумла, аъзоҳои ҷумла имкониятҳои беҳтарро фароҳам месозад.

Навгонии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки дар забоншиносии тоҷик хусусиятҳои грамматикиву маъноӣ ва сохтории ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик, махсусан осори насри асрҳои XV-XVI бори нахуст мавриди баррасии системавӣ ва амиқ қарор дода мешавад. Ҳамзамон дар таҳқиқоти мазкур роҳҳои тағйир ёфтани сохтори ибораҳои феълӣ, ташаккулу таҳаввули ин навъи ибораҳо бори аввал аз нигоҳи илмӣ маънидод карда мешавад. Муайян кардани хелҳои алоқаи наҳвӣ, муқаррар кардани вазифаву вижагиҳои воситаҳои асосии наҳвӣ, таҳлилу тасвири гурӯҳҳои луғавию

грамматикии калимаҳои алоқаманд, ошкор намудани муносибат ва тобишҳои наҳвии калимаҳои таркиби ибора мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Арзиш ва аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он ба пажӯҳишгарону тадқиқотчиён ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи грамматика, аз ҷумла наҳвро мавриди таҳқиқ қарор доданианд, ҳамчун роҳнамо хизмат менамояд. Маводи диссертатсия, ҳамчунин дар таҳқиқотҳои минбаъдаи олимон дар соҳаи таърихи забони тоҷикӣ, грамматика, ва услубшиносӣ дасти ёрӣ дароз карда метавонад.

Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Муаллиф чун қоида муқаддимаро ба тасвири мубрамияти таҳқиқи мавзӯъ, усули таҳқиқ, маводу навгониҳои таҳқиқ, аҳамияти назарию амалии таҳқиқ ва дигар ҷанбаҳои сохтории кор бахшидааст.

Боби аввали диссертатсия бо номи «Таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои инкишофи ибораҳои феълии забони тоҷикӣ» ба дараҷаи пажӯҳиши ибораҳои феълии забони тоҷикӣ, вижагиҳою аломатҳои хоси ибораҳои феълӣ, дараҷаи истеъмоли онҳо дар насри давраи таҳқиқ бахшида шудааст. Дар ин росто таъкид мешавад, ки оид ба проблемаи ибора масъалаҳои ҳалталаб ва баҳснок дар забоншиносии тоҷик монанди забоншиносии дигар халқҳо хеле бисёранд. Дар хусуси муайян намудани ҳудуди ибора, фарқи он аз калима, синтагма ва ҷумла ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Дар ин хусус унвонҷӯ бо такя ба афкори забоншиносии хориҷӣ ва ватанӣ хизмати ҳар як забоншиносро қайд намуда, дар баробари он бо баъзе онҳо баҳс ташкил намуда, мулоҳизаҳои пуркимате пешниҳод менамояд. Ибораҳои феълӣ, ки ба воситаи пешояндҳои аслӣ, пешояндҳои номии содаи изофӣ, номии таркибӣ, инчунин ба воситаи пасоянд ва пешоянду пасоянд ва бо алоқаи ҳамроҳӣ ташаккул меёфтанд, муҳаққиқ ҳар яке аз онҳоро аз ҷиҳати маъно ва шакл таҳқиқ намуда, дараҷаи истеъмолнокӣ ва тафсилёбиашонро бо мисолҳои фаровон нишон додааст. Инчунин дар ин боб шаклгирӣ ва рушди ибораҳои феълии забони тоҷикӣ тавассути алоқаи ҳамроҳӣ дар забони насри асрҳои XV-XVI мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, ки ҷолиби диққат аст. Ба риштаи таҳқиқ кашидани ҷанбаҳои мухталифи ибораҳои феълии ин давра имкон медиҳад, ки воқеаву ҳодисаҳои ҳаёти воқеиро бо тамоми ҷузъиёташ ва тобишҳои гуногун муаррифӣ шавад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ» аз шаш фасл иборат аст. Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки аҳамияти калимабандии пешояндҳои аслӣ мантиқан аз моҳияти он бармеояд. Пешояндҳои аслӣ ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъноро байни якдигар алоқаманд карда, вобаста ба маънои луғавию грамматикии ҷузъҳои ибора муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода менамоянд. Мавқеи

калимабандии пешояндҳои аслӣ дар доираи ибораҳои феълӣ басо равшан намоён мегардад. Хусусияти характерноке, ки дар тарзи истифодаи пешояндҳои аслӣ /ба, дар, аз, бо, бар/ мушоҳида мешавад, ҳамвазифа будан ва ё ба ҷойи якдигар кор фармудани онҳо дар таркиби ибораҳои феълии насри ин давра маҳсуб меёбад. Бояд гуфт, ки ҳамвазифагии чунин пешояндҳо дар забони осори классикӣ ҳодисаи умумӣ ба шумор рафта, насри осори хаттии асрҳои XV-XVI давом ва инкишофи он мебошад.

Аз таҳлили ибораҳои феълии осори насри асрҳои XV-XV1 муҳаққиқ ба натиҷае расидааст, ки пешояндҳои аслӣ чун воситаи алоқа дар ташаккули ибораҳои феълӣ аҳамияти хосса доранд. Алоқаи калимаҳои таркиби ибораҳои феълӣ тавассути ин гурӯҳи пешояндҳо дар забони тоҷикӣ, ки дар он, асосан, шакли аналитикӣ амал мекунад, яке аз сермаҳсултарин тарзи алоқаи калимаҳо ба шумор меравад. Дар охири боби ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ аз ҷониби унвонҷӯ ҷадвали басомади пешояндҳо пешниҳод гардидааст, ки хеле ҷолиб аст.

Боби сеюми диссертатсия «Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номӣ ва пасоянд» ном дошта, дорои се фасл аст. Мутаносибан дар фаслҳои ин боб масъалаи алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номии изофӣ ва номии таркибӣ, ибораҳои феълӣ бо пасоянд ва ибораҳои феълӣ бо пешоянду пасоянд таҳлил шудааст. Таъкид мешавад, ки маҳз тавассути ҳамин пешояндҳо ва калимаҳои мустақил /бештар исм ва баъзан зарф/ пешояндҳои номии таркибии изофӣ сохта мешаванд. Дар бунёди ин андеша муҳаққиқ таъкид менамояд, ки яке аз вижагиҳои хоси забони асарҳои ин давра боз дар он аст, ки тақрибан ҳамаи пешояндҳои аслӣ дар ташкилу сурат гирифтани пешояндҳои таркибӣ ширкат меварзанд. Ҳатто дар дохили пешояндҳои таркибӣ пешояндҳои мазкур муродифи ҳамдигар шуда метавонанд, ки ин давоми анъанаи классикист. Дар баробари ин муҳаққиқ собит менамояд, ки пасоянд низ дар ифодаи муносибатҳои наҳвии ҷузъҳои ибора нақши муҳим мебозад. Дар забони насри асрҳои XV-XVI ҳамчун қоида барои ифодаи амалу объект пасоянди “-ро” кор фармуда мешавад. Муҳаққиқ бар он назар аст, ки дар насри ин давра аз пасояндҳои дигар пасоянди “боз” ба назар расидааст, ки он дар таркиби ибораҳои феълӣ барои ифодаи муносибати замонӣ корбаст шудааст.

Дар боби чорум бо номи «Баррасии хусусиятҳои маъноии ибораҳои феълӣ» таҳлилу таҳқиқ шудаанд, ки дар онҳо калимаҳо дар таркиби ибора ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам маҷозӣ истифода шудаанд. Ба андешаи муҳаққиқи диссертатсия маънои луғавии калимаҳо омили муҳимми пайваст шудани ҷузъҳои ибора ва шарти асосии ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, ҳангоми таҳқиқи ибораҳои феълии насри осори давраи мавриди назар ба эътибор гирифтани ҷиҳати маъноии ҷузъҳои онҳоро талаб

менамояд, зеро иборахои феълӣ аломатхои ашё, ходисахо, чараёни вокеаву ходисахои мухити атрофи моро инъикос намуда, на фақат пайвастхои грамматикӣ, инчунин пайвасти луғавию маъной низ мебошанд. Дар ин боб муҳаққиқ тавонистааст, ки чанд нуктаи муҳимми забоншиносии муосирро дақиқу мушаххас намояд. Аз ҷумла муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки дар байни ҷузъҳои иборахои феълӣ ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои грамматикӣ, баробари муносибатҳои наҳвӣ мавқеи муҳим доранд. Бинобар ин ҳангоми таҳлили иборахои феълӣ ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои грамматикии феълҳо ба назари эътибор гирифта шудааст, чунки маънои луғавӣ ҳарчанд асосӣ бошад ҳам, дар таркиби иборахои феълӣ вай бо маънои грамматикӣ зич алоқаманд аст.

Аз матни автореферати диссертатсия маълум гардид, ки дар хулосаи кори илмӣ муҳаққиқ мазмуну мухтавои таҳқиқоти диссертатсионии худро ба тариқи мухтасар ва чакидахои илмӣ дар бандхои махсус натиҷагирӣ кардааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаву маводи илмии ба нашр расонидаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро фаро гирифтааст.

Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назаррас ба назари эътибор гирифтани баъзе нуктаҳое, ки дар зер қайд мешаванд барои беҳтар намудани сифати илмию амалии диссертатсия мусоидат хоҳад кард:

1. Дар муқаддима муҳаққиқ ба таҳқиқоти олимони гуногуни ватанӣ ва хориҷи кишвар ишора намуда, аз арзишҳои илмии он пажӯҳишҳо таъкид намояд, ҳам дар фаслу бобҳои диссертатсия ба манбаъҳо ва таҳқиқоти илмӣ камтар таваҷҷуҳ кардааст.

2. Муҳаққиқ дар мавридҳои муайян ибрози ақида намуда, андешаҳои худро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз асари мавриди таҳқиқ меорад, вале дар ҳолатҳои ҷудогона мисолҳо оварда нашудаанд ва гоҳо мисолҳои овардашуда нокифоя ба назар мерасанд.

3. Дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (саҳ.: 5, 9, 13, 16, 19, 22, 34, 42) ва техникӣ (4, 6, 10, 14, 18, 21, 26, 31, 43) ба назар мерасанд.

Нуктаҳои зикршуда арзиши илмию назарӣ ва амалии диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳи онҳо саҳлу осон буда, ба манфиати кор аст.

Бо ҳамин тартиб диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии иборахои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология бо ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Сардори раёсати робитаҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ Мухторов
Зайнидин Мухторович

14/04/2021
734025, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир 33
Тел/факс (992 37) 228 91 51
mukhtorov67@gmail.com
(+992) 907801822

Имзои З. М. Муторовро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Сӯфиев